*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 119 (4539) | ДУШАНБЕ, 26 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## КУМАКИ НАВБАТИИ ҲУКУМАТИ МАМЛАКАТ БА ОИЛАҲОИ ЗАРАРДИДА ДАР НИЗОЪҲОИ САРҲАДӢ

**Тавре ба ҳамватанонамон маълум аст, дар натиҷаи низоъҳои сарҳадии чанде пеш рухдода шумораи зиёди сокинони мавзеъҳои наздисарҳадии шаҳри Исфара ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд хисороти ҷонию молӣ диданд, аз ҷумла манзилҳои истиқоматиашон хароб гардид.**

Вобаста ба ин, Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро имзо карданд, ки дар асоси он ба 300 оилаи зарардидаи шаҳри Исфара ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ёрии навбатии моддӣ ҷудо гардид.

Бо супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар яке аз оилаҳои манзили зисташон пурра ё қисман зарардида масолеҳи сохтмон ва маҳсулоти ғизоӣ дастрас карда мешавад.

Кумаки Президенти мамлакат барои дастгирии сокинони деҳоти «Чоркӯҳ», «Лаккон», «Чилгазӣ», «Кулканд», «Зумрад», «Сурх», Ворухи шаҳри Исфара ва деҳоти «Овчиқалъача» ва «Хистеварз»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров фиристода шуд.

Пешвои миллат, ҳамчунин, ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки манзилҳои истиқоматии харобгардидаи сокинони деҳоти зикршуда то якуми ноябри соли ҷорӣ барқарор карда шаванд.

**www.president.tj**





## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода 26 сентябри соли 2022 ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Федеративии Германия оид ба ҳамкории молиявӣ (2020)», «Дар хусуси Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд оид ба лоиҳаи «Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон», «Дар бораи Созишнома оид ба Низоми муштараки (муттаҳидаи) алоқаи Қувваҳои Мусаллаҳи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкории ҳарбӣ», «Дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нафти Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи нафту газ», «Оид ба баргардонидани лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба баргардонидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Оид ба баргардонидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба баргардонидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъди шарҳу тавзеҳи раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ, оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода, оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод, оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амонулло Хайрулло, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода барои баррасӣ ба ҷаласаи якуми Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, инчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи якуми Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи якуми Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» дар алоҳидагӣ қарор қабул кард.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**«Садои мардум»**

## ҶАЛАСАҲОИ КОМИССИЯИ ДОИМИИ АБ ИДМ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МУДОФИА ВА АМНИЯТ

**23 сентябри соли 2022 дар қароргоҳи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (Қасри Таврический, шаҳри Санкт - Петербург) ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ оид ба мудофиа ва амният баргузор гардид.**



Дар он раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод аз тариқи фосилавӣ иштирок намуд.

Аъзои комиссия нахуст масъалаи ташкилии интихоби раиси комиссия ва ҷонишинони ӯро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҳамчунин, лоиҳаи як қатор қонунҳои намунавӣ, аз ҷумла «Дар бораи амнияти миллӣ», «Дар бораи амнияти сарҳад», «Дар бораи сарҳади давлатӣ», «Дар бораи мақомоти (қувваҳои) сарҳадӣ»-ро пас аз таҳлил ба Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ пешниҳод намуданд.

Дар маҷмӯъ, лоиҳаи Тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории кишварҳои узви ИДМ оид ба муқовимат ба истифодаи моддаҳои радиоактивӣ, моддаҳои кимиёвии хатарнок ва агентҳои патогении биологӣ қабул карда шуд.

Сипас, лоиҳаи Тавсияҳо барои кишварҳои аъзои ИДМ оид ба пешгирӣ ва рафъи қонуншиканиҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои хулосаи коршиносон ба парлумонҳои кишварҳои аъзои ИДМ ирсол гардид.

**Ҳамчунин, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, муовини раиси Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ оид ба илм ва маориф Насиба Содиқӣ 23 сентябри соли равон аз тариқи фосилавӣ дар ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ оид ба илм ва маориф ширкат варзид.**



Дар он ҳафт санад, аз ҷумла лоиҳаи таҳрири нави Кодекси иттилоотии намунавӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ, лоиҳаи қонунҳои намунавӣ «Дар бораи аттестатсияи (аккредитатсияи) давлатии субъектҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ», «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмию техникӣ», инчунин Тавсияҳо оид ба танзими меъёрии истифодаи интеллекти сунъӣ, танзими меъёрии рақамикунонӣ дар соҳаи маориф, ташкили кори тарбиявӣ бо волидон ва фаъолияти ҷомеаи волидайн, инчунин тавсияҳо «Дар бораи чораҳо оид ба ошкор ва дастгирии мунтазами кӯдакону ҷавонони лаёқатманд» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ТАВСЕАБАХШИ ШАРИКИИ ТАМАДДУНҲО

**Дар шароити ҷаҳонишавӣ муколама аз доираи фарҳангу воқеият (фазои фарҳангӣ) берун рафта, дар фазои худ афроди дорои ҷаҳонбинии динӣ ва муносибатҳои сиёсии гуногунро фаро мегирад ва онҳо ба мақсад мувофиқ ва зарурӣ буда, барои ҳалли масъала муттаҳид мешаванд.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муколамаи фарҳангҳо рисолати созиши некиро иҷро мекунад, ки фазои муколамаи байни тамаддуни фарҳангҳоро тавассути шаклҳои муташаккили институтсионалии ассотсиатсияҳо, марказҳо, ҷамъиятҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ташкил медиҳад. Раванди ҷаҳонишавии муосир навъи махсуси муколамаи фарҳангҳоро актуалӣ мегардонад, ки бо самти созанда ба амал – муколамаи сиёсӣ фарқ мекунад. Таҷассуми аслии он Созмони ҳамкории Шанхай мебошад, ки асоси идеологии он ба истилоҳ «Рӯҳи Шанхай» ҳамчун ифодаи ниятҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироии фарҳангӣ мебошад. Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳамчун як консенсуси кишварҳои баробарҳуқуқ намунаи муколамаи Шарқу Ғарбро муаррифӣ мекунад, ки дар он ратсионализми аврупоӣ (дар қабули қарор) ва прагматизми шарқӣ (дар иҷрои қарорҳо) таҷассум ёфтааст. Донишманди тоҷик Кароматулло Олимов зимни иштирок дар хонишҳои илмии Лихачёвӣ, ки 13-14-уми майи соли 2010 дар шаҳри Санкт-Петербург баргузор гардид, таҳқиқот анҷом дода, дар бобати баррасии «фарҳанги ҷаҳонӣ» изҳор намуд: «Лозим аст доманаи мафҳуми «фарҳанги ҷаҳонӣ» мушаххас шавад. Оё нишондиҳандаи маҷмӯи фарҳангҳои мардуми ҷаҳон аст ё фарҳанги кишварҳои тавсеаёфта? Оё ин фарҳанг равобити байни давлатҳо ва ниҳодҳои ҷаҳонии фаромиллӣ аст, ки муҳтавои сиёсӣ доранду аз лиҳози мундариҷа бештар аз он маҳсуб мешаванд? Барои ҷилавгирӣ аз талаққии фарҳанги ҷаҳонӣ ба унвони аъҷубае (монстр), ки фарҳангҳои дигарро фурӯ хоҳад бурд, лозим аст усули ахлоқии тавсеаёфта тавассути талошҳои ҷаҳонии бештар ба унвони маъқулаи аслии ин фарҳанг таъин шавад».

Синтези фарҳангҳо бо нигоҳ доштани гуногунии фарҳангҳо аз аҳдофе маҳсуб мешавад, ки раванди ҷаҳонишавӣ онро роҳандозӣ мекунад, аммо аксуламали ҷаҳонисозӣ низ дар тақвияти ҳадафҳое саъй мекунад, ки такмили гуногунии фарҳангҳоро дар замони муосир пайгирӣ хоҳад кард.

Аз омилҳои таърихии ташаккул ва тақвият ёфтани ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир вижагиҳои бархӯрд ва баҳамоии аносири фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Ба қавли ҷомеашиноси муосири амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон, агар асоси ҳувияти фарҳангии амрикоӣ «протестантизми бритонӣ» бошад, бегуфтугӯ, пояҳои асосии ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии ориёӣ ва махлутшавии он бо андешаи исломӣ аст, ки алҳол дар анъана ва ҷашну маросими тоҷикон мушоҳида мешаванд. Гузашта аз ин, тамаддуни ориёӣ (эронӣ), ки дар номгӯи А. Тойнби ҷиҳати баррасии тамаддунҳои ҷаҳонӣ ворид гардидааст, майли гуфтугӯ бо ғайр ва баҳамоии тамаддунҳоро инкор намекунад ва чунон ки ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ дар «Шоҳнома», дар бахши «Достони дувоздаҳ руҳ» дар мисоли Пиррони Виса мутазаккир мешавад, ориёиҳо агарчӣ дар ғасби сарзаминҳои нав мушорикат доштанд, аммо суботи ҷомеаро авлотар шуморида, «баҳамоварӣ» – ро рукни ба ҳадаф мувофиқ медонистанд. Бинобар ин, афкори ориёӣ дар замони хилофати араб ва пасон низ ҳукумат мекард, агарчӣ араб бинобар кинварзӣ ба ориёиҳо ҳама вижагиҳои фарҳангии онҳоро аз номи худ матраҳ намуда, сохти давлатдории мансуб ба ориёиҳоро бардурӯғ таҳриф менамуданд. Мисоли ин гуна таҳрифсозиҳо «никоҳи маҳорим» ва «умумӣ будани занон» дар боровиҳои динии ориёҳост, аммо таърихи ниёкони мо гувоҳ аст, ки онҳо маслакҳои гуногун эҷод кардаанд ва дар баробари тавҳид, гурӯҳе аз онҳо ба бутпарастӣ дар марзи Бохтари қадим машғул будаанд. Яъне, на фақат таърих ва бостоншиносӣ, балки хусусиятҳои фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки новобаста ба таҳмилшавии ислом феълан анъанаҳои гуногуне ва мансуб ба фарҳангҳои мухталиф мавҷуданд ва агар онҳоро қудрати исломӣ дар таърихи 1400 – сола маҳв накардааст, пас чӣ гуна метавон гуфт, ки раванди ҷаҳонишавӣ ғалабаи ҳувияти амрикоиро бар соири ҳувиятҳо таъмин намудааст?

Кароматулло Олимов дар мақола таҳти унвони «Давлатҳои миллӣ ва ниҳодҳои ҷаҳонӣ: таамул дар роҳҳои шаклгирии фарҳанги ҷаҳонӣ» чунин нигоштааст: «Ҷиддитарин таззодҳо, ки байни ҷаҳонбинӣ ва идеология шомил мебошанд, динӣ ва дунявӣ ҳастанд. Ба таври мутаноқиз дар шароити ҷаҳонишавӣ дин гоҳе ба унвони механизме барои ҳифозат аз фарҳанги миллӣ амал мекунад ва ин муддат омили ташкили ҳувияти миллӣ хоҳад буд».

Лозим ба ёдоварист, ки вижагиҳои фарҳанги ориёӣ дар зиндагии рӯзмарраи тоҷикони муосир маҳфуз мондаанд ва тавассути онҳо умр ба сар мебаранд. Масалан, ҳунари гулдӯзӣ дар шаклу рақам ва дар тасвири худ тафаккури ориёиро баён дошта, ғолибан муҳтавои мобаъдуттабиӣ доранд. Гузашта аз ин, дар баъзе аз манотиқи кишвар рангҳое мисли сафеду сурх то кунун дар пӯшишҳои миллӣ нақшандозӣ мегарданд, ки бори дигар иртиботи имрӯзиёнро бо фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ муаррифӣ мекунад, чунки ақвоми ориёӣ рангҳои мазкурро мунтахаб медонистанд. Дигар аз аносири фарҳанги замони ҷаҳонишавӣ бештар татбиқшавии андешаҳои утопиявӣ аст, ки чунин иқдоми башар таърихи дурудароз дошта, вазъи нави ҷомеаро қудрат дорад баррасӣ кунад. О. Шпенглер нишон медиҳад, ки навъҳои шахсият ва навъҳои фарҳанг ба ҳамдигар вобастаанд. Ҳар як фарҳанг афсонаҳои худро дар бораи худ эҷод мекунад ва хусусияти вобаста ба давра, мавҷудият ё набудани буҳрон ва ғайра, ки дар фарҳангҳои гуногун вуҷуд доранд, падидаҳои табиатро шарҳ медиҳанд. Кумак ба бунёди муносибатҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, кумак ба зинда мондан навъе аз вижагиҳои фарҳангист. Баъзан чунин ба назар мерасад, ки худшиносии инсон вобаста ба заминаи фарҳангӣ ва таърихӣ, зерфарҳангӣ ва дар айни замон, афсонасозӣ зарур аст. Худи ҳаёт як ҳикоя аст, аммо дар умқи ҳар як шахс пинҳон аст, зеро тасвири ҷомеа дар рӯи замин нест. Таҳлили чунин вазъият моро ба хулосае меорад, ки бар асоси экзистенсиализми муосир ирфонӣ сухан меронем ва тамоили бозгаштан ба замони бостон мекунем, чунки нодонӣ ва хурофот дар ҳар як утопия мавҷуд аст. Бинобар ин, аз вижагиҳои таҳқиқу баррасии ҳувияти фарҳангии дилхоҳ ҷомеа зеҳнияти ҳамон миллат нақши калидӣ дорад, ки низоми давлатӣ дар дасти ӯст ва истилоҳи менталитет – (аз вожаи лотинии mentalis – равонӣ) – тарзи тафаккур, маҷмӯаи маҳоратҳои равонӣ, муносибатҳои равонӣ ва анъанаҳои фарҳангии хоси шахсият ё ҷомеаи инсонӣ маҳсуб мешавад. Кароматулло Олимов ягона ҷомеашинос аз Ховари Марказӣ буд, ки дар хонишҳои лихачёвии шаҳри Санкт-Петербург иштирок карда, назарашро оид ба баҳамоии фарҳангҳо ва ғамшарикии тамаддунҳо сароҳатан изҳор намуда, вазъи чунин гуфтугӯро дар минтақа баррасӣ намудааст. Бинобар ин, дар ҳар давлати пасошӯравӣ агар суҳбат аз ҷомеашиносии муосир равад, уламои



Россия ҳатман исми Кароматулло Олимовро бар забон меоранд. Ин эҳтиром ба донишманди тоҷик гувоҳӣ медиҳад, ки номбурда ҷиҳати баррасӣ ва пажӯҳиши вижагиҳои раванди ҷаҳонишавӣ, бо назардошти ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир ва гирифтории он ба буҳрон талош доштааст.

**Ширин ҚУРБОНОВА,**
**муҳаққиқ,**
**Машраби АБДУЛЛОҲ,**
**рӯзноманигор**

# ДУНЯВИЯТ ВА ТААССУБ.
## ШАКАРРО НАБОЯД БО ЗАҲР ОМЕХТ

**Мусоҳиба бо декани факултети фалсафаи ДМТ, доктори илмҳои фалсафа Нозим Маҳмадизода**

**- Далелҳои таърихӣ ва ҳаводиси ҷаҳони муосир гувоҳи он мебошанд, ки ифротгароӣ бо таассуб ҳаммарз аст...**

- Комилан бо шумо ҳамфикрам. Барои мутаассиб ақидаи дигарон аҳамият надорад. Аломати нахустини ифротгароӣ эътироф накардани нуқтаи назари дигарон ва қасдан фарқ нагузоштан байни дурусту нодуруст мебошад (ҳатто агар нодуруст будани ақидаи ӯ бо далелҳои қотеъ исбот шавад) .

Онҳо мунтазам аз номи Яздони пок суиистифода менамоянд. Дар илми сиёсатшиносӣ ин гуна суиистифодаро манипулятсия меноманд. Аз ҷониби дигар, истифода аз ормонҳои башарӣ бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои сиёсӣ спекулятсия номида мешавад. Барои мисол, фалсафаи мактаби Кант ва пайравони ӯро фалсафаи спекулятивӣ меноманд, чунки мафҳумҳоеро истифода мебаранд, ки дар воқеият вуҷуд надоранд ва бо роҳи таҷрибаи илмӣ исботнашавандаанд.

**- Таассуби динӣ, ки сабаби ҷангу нифоқ дар ақсои олам аст, ба кадом омилҳо рабт дорад?**

- Ин ҷанба, қабл аз ҳама, дар афзал шумоиридани дину мазҳаби худ нисбат ба дину мазҳаби дигарон зоҳир мегардад. Мутаассибон одамони ҷоҳилу якрав ва маҳдудандеша мебошанд. Табиист, ки шахси тангназар наметавонад фарқи байни шаклу мазмун, тадбир ва мақсадро дарк намояд. Аз нуқтаи назари мутаассиб, диндорон вазифадоранд ба истилоҳ муқаддасоти диниро ҳифз намоянд. «Дар замоне, ки ба Моҳ бояд рафт» ин тоифа истифодаи килк дар навишт, ғусл дар оби ҳавз, ба кор бурдани чароғи керосинӣ ва дигар «муқаррарот»-и хандаоварро меҳвар қарор додаанд.

Онҳоеро, ки ба ақидаҳои мутаассиб розӣ нестанд, палид, нокас ва душмани ашаддиашон меҳисобад. Мутаассиб наметавонад механизми таҳлилу хулосабарориҳоро ба кор дарорад, чун аз дарки умумиинсонӣ маҳрум аст.

Ба андешаи Ҷалолиддини Балхӣ, сахтгириву таассуб нишонаи хомиву бехирадии одам ба шумор меравад ва то даме, ки инсон аз таассуб даст накашад, кораш хомӣ, озордиҳию зararрасонии мардум мебошад. Чунин инсон шабеҳи ҷанине дар батни модар мебошад, ки рагҳои баданаш пайванд бо рагҳои хунгарди модар аст:

**Сахтгириву таассуб хомӣ аст,**
**То ҷанинӣ кор хуношомӣ аст .**

Ба ақидаи олими маъруф Р. Габбасов, «Шахси мубталои таассуб атрофи худро наметавонад бинад, зеро моҳиятан оҷиз аст, ношунавост ва қодир нест, ки дигаргуниҳои ҷаҳонро шунавад».

Собит шудааст, ки инсони мубталои ин зуҳурот на аз рӯи ақлу шуур, балки аз рӯи дарку эҳсосот ва тибқи табиати ҳайвонӣ амал мекунад. Тавассути эътиқоди тааcссубӣ далелҳои бебаҳс инкор гардида, афзалият ба эҳсосот дода мешавад.

**- Моҳиятан дунявият ва таассубу хурофот шакар ва заҳр буда, омезиш додани онҳо пайомади маргбор дорад...**

- Бале. Хурофот - сафсата, гапи бемаънӣ, ақида ва фикри мавҳуми беасос тафсир шуда, маҳз хурофоту таассуб сабаб шуда, ки ҷангу нифоқ ва куштору террор дар кишварҳои мусулмонӣ рӯз то рӯз авҷ мегирад. Шоҳиди он ҳастем, ки дар давоми чанд соли охир бархе аз мамлакатҳои мусулмоннишин аз ҷониби баъзе аз давлатҳо ва доираҳои алоҳида ба майдони ҷанг ва намоиши қудрату тавоноӣ табдил ёфтаанд.

Коршиносон дар заминаи таҳлили амиқу доманадор ба хулоса омадаанд, ки қисмати зиёди ноором иҳо, нифоқу низоъ, террор ва табаддулоте, ки чанд соли охир дар кишварҳои мусулмонӣ сурат гирифтаанд, маҳз ба тафриқаандозии мусалмонон дар заминаи таассуб рабт доранд.

Ҳаводиси солҳои охири Ховари Миёна, Африқои Шимолӣ, Афғонистон ва дигар кишварҳои мусулмонӣ низ пайомади афзоиши таассуб мебошад.

**- Дар мамлакати мо ба чунин гурӯҳҳо ҷалб гардидани ҷавонон чӣ сабаб дорад?**

- Сабаби асосӣ таассуб ва хурофотпарастӣ аст. Ба ғайр аз ин, то як андоза канораҷӯӣ намудани ниҳоду сохторҳои салоҳиятдор, бетарафӣ зоҳир намудани қисме аз аҳли зиё ва истифодаи васеи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ аз ҷониби насли ҷавон то андозае ба густариши ин раванд боис шудааст.

Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ зиёд мегӯянду менависанд, вале ин раванд, дар баробари доштани паҳлуҳои мусбат боиси он мегардад, ки як қисм муҳоҷирон дар муҳити бегона зери таъсири гурӯҳу шабакаҳои ифротӣ қарор гирифта, ба созмонҳои террористӣ ҷалб шаванд. Аз ин лиҳоз, ба ҷавононе, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, оид ба фирефта нашудан ба гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ маълумоти бештар додан зарур мебошад.

**- Бегонапарастӣ ва тақлидкорӣ дар мавриди сарулибос ва рафтору гуфтор дар байни занону духтарон метавонад ба тавсеаи таассуб ва хурофот мусоидат намояд?**

- Бегуфтугӯ. Шояд барои «баъзе»-ҳо ин масъала на чандон муҳим ба назар расад, вале муносибати сатҳӣ ва созиш намудан ба ин раванд пайомадҳои ногувор ба дунбол хоҳад дошт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон худ бахшида ба Рӯзи Модар зикр намуданд: «Бегонапарастӣ ва тақлидкорӣ дар мавриди сарулибос ва рафтору гуфтор дар байни занону духтарон метавонад ба устувории рукнҳои фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ расонад».

Ба андешаи ин ҷониб, дар баробари омилҳои дигар, аз қабили тақлид ба тарзи либоспӯшии ба анъанаҳои мо носозгор, таблиғи ақидаҳои таҳмилӣ ва ғайра рӯ ба чунин тарзи либоспӯшӣ овардани як идда бонувони тоҷик ба заифиродагӣ ва хурофотпарастии мардон рабт дорад. Мушоҳидаҳо шаҳодат медиҳанд, ки аксари ашхоси хурофотпараст ва ба андешаҳои бепояи мутаассибон пойбанд, кӯшиш менамоянд, ки бонувони хонаводаашон ҳамрадиф баробари аз таҳсил дар канор мондан, зери ба истилоҳ ҳиҷоб бошанд.

Қисми зиёди онҳое, ки пӯшидани чунин тарзи либосро ихтиёр намудаанд, таърих ва моҳияти онро намедонанд ва то ҳадде пойбанди хурофот шудаанд, ки донистан намехоҳанд. Чун баъзе аз мардон дар зиндагӣ аз ин хислатҳо батамом бенасибанд, кӯшиш менамоянд то аҳли хонаводаашон дар «муҳосира»-и равонӣ қарор дошта бошанд.

Чунин ашхос зимни таҳмили андешаҳояшон ба пайвандон фарҳанги ниёконро мисол меоранд, ки билкулл нодуруст аст. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди таҳлили амиқу доманадори масъалаи мавриди назар минҷумла таъкид намуданд: «Мувофиқи сарчашмаҳои илмии этнографӣ халқи мо аз қадим либосҳои зебои занона дошт ва ҳеҷ гоҳ сиёҳпӯш набуд. Дар суннати анъанавӣ низ сиёҳпӯшӣ раво нест. Шумо худатон хуб медонед, ки ҳатто либоси мотамии мардуми мо сиёҳ нест». Аз ин лиҳоз, мардонро лозим аст, ки ҳифзу арҷгузории оиларо ҳамчун падидаи муҳимтарини иҷтимоӣ дар мадди назар қарор дода, бо қавиирода гӣ, ҳамқадами замон будан, арҷ гузоштан ба ҳуқуқҳои модар, ҳамсар ва хоҳару дигар пайвандон симои аслӣ, чеҳраи воқеӣ ва моҳияти ҳақиқии оилаи суннатии тоҷикро ҳамчун рукни муқаддасу арзишманд бегазанд нигоҳ доранд.

**- Мутаассиб аз равшанфикр бо кадом ҷиҳатҳо фарқ мекунад?**

- Равшанфикр тарафдори зиндагии дунявӣ мебошад ва намегузорад, ки ин ҷанбаҳои дуюмдараҷа ва маҷозӣ ҷои воқеиятро ишғол намоянд. Аммо мутаассибон барои «исбот»-и ақидаашон одамонро мулҳиду кофир эълон мекунанд. Ҳукми мулҳиду кофир дар дин маънои инкор кардани зиндагии инсонро дорад. Гувоҳи ин гуфта ҷангҳои ҷиҳодӣ мебошанд.

Илова бар ин, равшанфикр ояндanигар мебошад, аммо мутаассиб ба ҳеҷ ваҷҳ ояндanигар нест. Дигар хусусияти фарққунандаи мутаассиб аз равшанфикр ба ҳувият рабт дорад. Мутаассиб мехоҳад мардумро дар чорчӯбаи динаш бинад. Баръакси ин, равшанфикр идеяи шаҳрвандиятро пешниҳод мекунад, ки бартар аз ҳама таaллуқиятҳои динию мазҳабӣ, қавмию нажодӣ ва ҷинсӣ мебошад.

Фарқи дигари равшанфикр аз мутаассиб дар мавқеи сиёсии онҳо зоҳир мегардад. Равшанфикр манфиати шахсӣ ва амну осоиши худро низ сарфи назар мекунад. Муҳимтар аз ин, равшанфикр барои ошкор кардани мушкилиҳо аз усулҳои илмӣ истифода мебарад. Аввал таҳқиқ мекунад ва баъд баҳогузорӣ. Аммо мутаассиб ҳамеша манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва ҳизбиашро ҳимоя мекунад.



**- Аз ин бармеояд, ки ояндаnигарӣ вижагии асосии равшанфикр мебошад...**

- Дуруст аст. Ин қишри ҷомеа барои сохтани оянда бо истифода аз ақли инсонӣ истифода мебарад, на аз дигар сарчашмаҳо. Вале мутаассиб барои рафъи мушкилот аз усулҳои илмӣ истифода намебарад, чунки мутахассис нест. Муносибаташ ба омӯзиш дуюмдараҷа буда, тамоми ибтикораш аз манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маншаъ гирифтааст.

**- Барои пешгирии таассубгароӣ чӣ пешниҳод доред?**

- Қабл аз ҳама, бояд неруро ба он равона намоем, то ҷавонон дар зери таъсири ғоявии равияҳои динӣ – ифротӣ наафтанд. Бояд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асосҳои исломи анъанавӣ, дину мазҳабҳои ҷаҳониро тавассути ҷорӣ кардани фанни «Диншиносӣ» омӯзонем, зеро бархе аз ҷавонон аз асосҳои таълимоти мазҳаби худ бехабаранд ва аз ин рӯ, ба осонӣ зери таъсири тарғиботу таъсиррасонии дигар равияҳои ифротӣ қарор мегиранд.

Дар тарбияи ҷавонон уламои дин саҳми босазо мебозанд. Онҳо бояд дар мавъизаю суҳбатҳои худ ҷавононро ба роҳи дуруст ҳидоят намуда, барояшон дар бораи исломи анъанавӣ ва адолати динӣ маълумот диҳанд. Зарур аст, ки Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази исломшиносӣ дар масҷидҳо барои гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ - динӣ оид ба таълимоти мазҳаби ҳанафӣ шароит фароҳам оранд. Се ниҳод – оила, мактаб ва ҷомеа бояд ҳамкориро тавсеа бахшанд, то ки омилҳои инкишофи таассубгароӣ рафъ шавад. Аз тариқи воситаҳои ахбори омма аъмоли зишти гурӯҳҳои ифротгаро намоиш дода шуда, ҷавононе, ки аз Сурияву Ироқ баргаштаанд, ба машварату маҷлисҳо ва намоишҳои телевизионӣ даъват шаванд, то саргузашти талхашонро нақл кунанд. Муҳим он аст, ки чорабиниҳо бо ин мақсад доиршаванда, бояд қолабӣ набошанд. Оид ба омӯхтан ва таҳлили илмии ин масъала бояд тадқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида шаванд, олимони тавоно ба ин тадқиқот ҷалб гарданд.

Дар шароити кунунии кишвари соҳибистиқлоламон тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстию худшиносӣ, созандагию бунёдкорӣ вазифаи ҳар яки мо ба ҳисоб рафта, воситаи асосии пешгирии рушди таассубгароӣ мебошад. Эътироф бояд кард, ки сохторҳои дахлдор дар ин самт пайваста тадбирҳои назаррасро меандешанд.

Новобаста ба тадбирҳои андешидашуда, то ҳанӯз холигоҳ мавҷуд аст ва дар сурати бетаъхир тадбир наандешидан, аз чунин вазъият гурӯҳ ва шахсони алоҳида суиистифода менамоянд. Илова бар ин, бояд созмонҳои ҷавонон бо ин мақсад лоиҳаҳо таҳия карда, тавассути воситаҳои ахбори омма тарғибу ташвиқотро пурзӯртар гардонанд.

**- Далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2006 инҷониб бо қарорҳои дахлдори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 17 ташкилоти экстремистӣ - террористӣ ғайриқонунӣ эълон ва манъ шудааст. Таассуфовар аст, ки тайи солҳои охир 22 сархатиби масҷид бо ҷурми ҳамкорӣ бо ташкилотҳои террористӣ дастгир гардиданд. Дар ин робита, чӣ тадбир бояд андешида шавад?**

- Аз ин бармеояд, қисме аз толибилмоне, ки дар хориҷи кишвар таҳсилоти динӣ гирифтаанду ба ҳайси имомхатиб ва сархатиб дар масҷидҳои кишвар фаъолият мекунанд, сарфи назар аз тадбирандешиҳои сохторҳои дахлдор ба таври махфӣ бо ташкилотҳои ифротӣ ҳамкорӣ дошта, ақидаҳои тундрави онҳоро аз номи мазҳаби ҳанафӣ таблиғ менамоянд. Зарур аст, ки неруи зеҳнии ходимони дин, махсусан онҳое, ки ба ҳамкориҳои судманд майлу рағбат доранд, сиёсати давлатиро ҳаматарафа дастгирӣ мекунанд, исломи суннатиро тарғибу ташвиқ менамоянд, ба муқобили таассуб истифода гардад. Таҳия ва рушди барномаҳои давлатӣ, стандартҳо ва нақшаҳои таълимӣ барои дастгирӣ ва рушди таълимоти динӣ тақозои замон мебошад. Ин кор бояд тезтар анҷом дода шавад, то низоми таълимоти динӣ дар ҷомеа инкишоф ёбад. Илова бар ин, бояд бетаъхир Консепсияи шарикии иҷтимоии давлат ва ташкилотҳои динӣ таҳия шавад. Ин иқдом имкон фароҳам меорад, ки заминаи мусоиди қабули қонунҳои заруpӣ дар самти ҳамгироии давлатию динӣ фароҳам шуда, мутобиқи онҳо мақомоти дахлдори давлатӣ фаъолиятро бо ташкилотҳои динӣ дар самти мубориза бо таассуб тавсеа бахшанд.

**Мусоҳиб Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Бонги изтироб

# СПИТАМЕН:
## БЕЭЪТИБОРӢ БА САМТИ МУҲИМИ КИШОВАРЗӢ

**Яке аз омилҳои муҳими рушди соҳаи кишоварзӣ таъмини хоҷагиҳои деҳқонӣ бо тухмии хушсифати зироатҳо мебошад. Аз ҷониби масъулини соҳа ва коршиносон ин масъала, бахусус дар замони ҳозира, муҳим арзёбӣ мегардад, зеро истифодаи тухмии бесифати зироатҳои кишоварзии аз хориҷи кишвар ворид гардида, истифодаи онҳо дар кишт заҳмату талошҳои деҳқононро баъзан бенатиҷа намуда, нишондиҳандаҳои манфӣ ба бор меоварад.**

Ба хотири таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии хушсифат дар кишварамон хоҷагиҳои тухмипарварӣ фаъолият менамоянд, ки аз имтиёзҳо бархӯрдоранд. Мутаассифона, на ҳама хоҷагиҳои тухмипарварӣ ин рисолати муҳим - парвариши зироатҳои пурсамар ва захираи тухмии хушсифатро дар сатҳи зарурӣ таъмин менамоянд, ки боиси нигаронист.

Дар ноҳияи Спитамен алҳол якчанд хоҷагии тухмипарварӣ, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоҷагии тухмипарварӣ гузаронида шудаанд, фаъолият доранд. Яке аз онҳо хоҷагии деҳқонии тухмипарварии «Болтухон» мебошад, ки дорои 54,8 гектар замин бо 23 саҳмдор аст. Хоҷагӣ бо Сертификати ҳуқуқии истифодаи замин таъмин гардида, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018 таҳти № 611 ба хоҷагии тухмипарварӣ табдил ёфтааст. Маълум гардид, ки соли 2021 дар хоҷагии деҳқонӣ чигити тухмии навъи «Султон» ба миқдори 6 тонна захира шудаасту халос. Бояд хоҷагиҳои тухмипарварӣ дорои анбори махсуси нигаҳдории тухмӣ, озмоишгоҳи ташхиси сифат ва техникаву таҷҳизоти зарурӣ бошанд. Аммо дар хоҷагии тухмипарварии мазкур на анборхона мавҷуд асту на озмоишгоҳи ташхиси сифати тухмӣ. Чигити тухмии истеҳсолшуда дар анбори корхонаҳои коркард нигаҳдорӣ мешавад. Ҳолати базаи моддию техникии хоҷагӣ низ беҳбудӣ металабад, зеро дар хоҷагӣ ягон навъи техникаи кишоварзӣ мавҷуд нест.

Вазъ дар дигар хоҷагиҳои тухмипарварӣ, аз ҷумла хоҷагии деҳқонии «Саидқурғон» низ, ки тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 таҳти №312 ба хоҷагии деҳқонии тухмипарварӣ гузаронида шудааст, нигаронкунанда мебошад. Ҳарчанд хоҷагии мазкур 126,6 гектар замин дорад, тибқи ҳисоботи оморӣ, соли 2022 дар масоҳати 11,42 гектар кишти пахта гузаронидааст, ки аз он дар сурати 100 фоиз бароmадани чигити тухмӣ ҳамагӣ 6,9 тонна чигити тухмӣ истеҳсол мешаваду халос.

Мавриди зикр аст, ки дар хоҷагии деҳқонии «Саидқурғон» низ барои нигоҳдории тухмӣ анборхона ва озмоишгоҳи ташхиси сифати тухмӣ мавҷуд нест. Инчунин, ҳамкории хоҷагиҳои мазкур бо муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва олимони соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда нашудааст.

Азбаски ҳоло маъракаи ҷамъоварии ҳосил аст, месазад, ки масъулини соҳа, бахусус раисони шаҳру ноҳияҳо, ба масъалаи захираи тухмии босифати ватанӣ эътибори саривақтӣ диҳанд. Набояд ба умеди тухмии хориҷа шавем, зеро аз аксари тухмиҳои хориҷӣ, аз ҷумла тухмиҳое, ки аз Хитой ва ИМА ворид мегарданд, бисёр вақт деҳқонон на баракат, балки зарари зиёд мебинанд.

Агар ба ин масъала беэътиборӣ зоҳир гардад, пас бемасъулиятии мақомоти маҳаллӣ ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонии номбурдаро дар иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021 таҳти №117 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» нишон медиҳад.

**«Садои мардум»**

Проблема ва мулоҳиза

# ИСТЕЪМОЛИ ЧИЛИМ ВА ОҚИБАТҲОИ НОГУВОРИ ОН



**Чилим (қалён) аз қадимтарин василаи истеъмоли тамоку аст. Олимон тахмин мекунанд, ки макони пайдоиши он Ҳиндустон буда, баъдтар дар давлатҳои алоҳидаи дунё бо номҳои гуногун шинохта шудааст. Дар мамлакати мо он бештар бо номи «қалён» (ё шакли русишудаи «калян») маъруф аст.**

Вақтҳои охир истифодаи чилим дар байни ҷавонону наврасон, ҳатто духтарон мӯд шуда, ба амали муқаррарӣ табдил ёфтааст. Ин «маъруфият» ба он вобаста аст, ки истеъмолгарони қалён муътақиданд, ки аз он ба саломатиашон зарар намерасад. Чаро? Барои он ки ба тамокуи чилим хушбӯйкунандаҳои гуногун илова карда мешавад, ки таъми талхи онро нест мекунад ва дар бастаи тамокуи қалён аксар вақт навишта мешавад, ки он 0,5 фоиз никотин дошта, қатрон надорад. Ҳамин ҷиҳат боварӣро ба безарар будани истеъмоли «тамокуи обӣ» зиёдтар намудааст. Аз ҷониби дигар, зарари тамокуи қалён кам бошад ҳам, дуди он басанда аст, то шахс ба бемориҳои гуногун дучор шавад.

Дар робита ба ин, духтури нарколог Алишер Розиқов дар суҳбат бо мо чунин иброз дошт:

- Давоми як соати истеъмоли қалён шахс назар ба сигор 100 - 200 маротиба бештар дуди онро нафас мекашад. Дар ҳоле ки миқдори зиёди оксиди карбон бо вуҷуди кам будани моддаҳои зарарнок ва никотин ба шуш дохил мешавад. Дар давоми 45 дақиқа шахс баробари як қуттӣ сигор ва ё бештар аз он оксиди карбонро истеъмол мекунад. Пас, ҳеҷ имкон надорад, ки истифодаи қалён ба саломатии инсон безарар бошад.

Табиби силшинос Фирӯза Саидова иброз дошт, ки чилимкашон бештар ба бемориҳои роҳи нафас дучор мешаванд. Дуди чилим пардаи луобии дохили роҳи нафасро месӯзонад, ки барои микроорганизмҳо шароит муҳайё месозад.



- Онҳое, ки аз меъёр зиёд чилим ва тамоку истифода мебаранд, ба бемории захми меъдаю рӯдаи дувоздаҳангушта дучор мешаванд. Бо гузашти 10 - 15 сол ба бемории эндоартерид, яъне вайроншавии рагҳои хунгарди пой низ эҳтимоли гирифтор шудан доранд. Инчунин, истеъмоли аз ҳад зиёд ба сустшавии биноӣ ва гум кардани бӯй оварда мерасонад, - таъкид намуд номбурда.

Бархе аз ҷавонон бар ин назаранд, ки сигоркашӣ ба саломатӣ зарар дорад, аммо чилимкашӣ комилан безарар аст. Дар ҳамин ҳол, ба таъкиди Фирӯза Саидова ҳаловате, ки дар лаҳзаи истеъмол қалёну сигор дорад аз таъсири он аст, ки миллионҳо ҳуҷайраи организму майнаи сар мемиранд. Нейронҳо ба дараҷае кор мекунанд, ки организм омехта мешавад.

Одамон мехоҳанд чилимро бо сигор иваз кунанд, аммо зарари чилим аз сигор бамаротиб зиёд аст. Гурӯҳи табибони мисрӣ, ки таҳти сарпарастии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ фаъолият мекунанд, ҳарорати ангишт ва дуди чилимро беш аз 400 дараҷа гармӣ арзёбӣ кардаанд. Ҳатто аз оби хунук гузаштани он наметавонад маҳсулоти сӯзишро то ҳарорати бехатар сард кунад. Илова бар ин, аксар ҷузъҳои дуди қалён дар об ҳал нашуда, ба шуши чилимкаш бештар ворид мегардад.

Дар ин бобат табиби силшинос Абдулло Искандаров зарари чилимро чунин шарҳ медиҳад:

- Бештари нафароне, ки чилимро истифода мебаранд, мегӯянд, ки истифодаи он нисбат ба сигор ҷолиб ва бонафосат аст. Ҳангоми истеъмоли чилим ҳис карда мешавад, ки ҳам тамоку ва ҳам дуди он форам аст. Илова бар ин, онҳо итминон доранд, ки бар хилофи сигор, чилим вобаста намекунад. Аммо тибқи маълумоти илмие, ки дар маҷаллаи америкоии «Men's Health» нашр шудааст, таркиби кимиёвии 1 грамм тамокуи чилим аз қатронҳо - 802 мг., никотин - 2,96 мг., оксиди карбон (CO) 143 мг. иборат аст.

Дуди чилим ҳарчанд аз об мегузарад ва ба ин васила тоза мешавад, дорои моддаҳои заҳролуд аст, ки ҳангоми сӯхтани ангишт ва наъно (моассел) ба вуҷуд меоянд.

Азбаски ҷавонон чилимро бештар гурӯҳӣ истифода мебаранд, дар он ҳангом гигиенаи шахсӣ риоя намешавад. Ин метавонад ба бемориҳои герпес, гепатитҳо ва бемории сил боис гардад, зеро ҳангоми сӯхтани ангишт токсинҳо хориҷ мешаванд. Металлҳои вазнин, гази карбонат, консерагени вазнин ин бензопирен ба саратони шуш оварда мерасонанд. Инро ба назар гирифта, дар як қатор давлатҳо доир ба истифодаи он маҳдудият ҷорӣ шуда, қонунҳои махсус қабул гардидааст.

Дар аксар кишварҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ манъ будани тамокукашӣ амали маъмулист. Ҳоло дар Туркия истеъмоли чилим дар қаҳвахона, тарабхона, бар, клуб ва инчунин, дар дигар биноҳои ба ин монанд манъ аст. Дар Фаронса танҳо дар ҷойҳои махсус барои истеъмоли чилим иҷозат дода мешаваду халос. Маҳдудияти сахттар дар Шветсия буда, истеъмоли чилим қариб дар ҳама ҷо манъ аст. Танҳо дар ин мамлакат гоҳ - гоҳ дар муассисаҳои хӯроки умумӣ пайдо кардан мумкин аст, ки дар он ҷо хонаҳои махсуси дорои ҳавотозакунак барои истеъмоли чилим мавҷуданд. Дар Италия низ ҳамин тавр аст. Дар ин кишвар ҷое пайдо кардан душвор аст, ки дар он дуд кардани қалён иҷозат дода шавад. Аммо дар Олмон аксар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо кабинаҳои тамокукашӣ муҷаҳҳаз гардида, дар онҳо асбобҳои фаъоли тозакунии ҳаво насб шудааст.

Дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку», ки 18 январи соли 2018 қабул шудааст, амал мекунад. Тибқи банди 9 моддаи 5 қонуни мазкур, маҳсулоти тамоку бевосита дар ҷойҳои фурӯш дар ҷевонҳои маҳкам, ки ба харидор дастрас нестанд, нигоҳ дошта мешавад. Ҷевонҳо аз ҷиҳати сохт бояд чунин бошанд, ки ҳангоми кушодани онҳо намоиши маҳсулоти тамоку ба харидорон ғайриимкон гардад. Дар ҷевонҳои барои нигоҳдории маҳсулоти тамоку пешбинишуда ҷой додани маълумоте, ки истеъмол ва харидорӣ намудани маҳсулоти тамокуро тарғиб намояд, аз ҷумла аз тариқи истифодаи калимаҳо, ороиш, тасвирҳо, рангҳо, номгӯи фирмавӣ, тамғаи тиҷоратӣ, рамзҳо (логотипҳо), номгӯи ширкатҳои тамокубарорӣ ё таҳвилкунандаи онҳо, инчунин истифодаи ранг ё таркиби рангӣ, ки бо маҳсулоти тамоку, истеҳсолкунанда ё таҳвилкунандаи он алоқаманд аст, манъ мебошад. Вале дар марказҳои савдои «Садбарг» (мағозаи 31) ва ҶДММ «Корвон» (даромадгоҳи 2) тамоку ва зарфи қалён дар рафҳо ба фурӯш гузошта шудааст. Аммо дар бораи он ки ин навъи тамоку ба саломатӣ зарар дорад ё не чизе навишта нашудааст ва ба харидорон низ чизе намегӯянд. Мушоҳида кардем, ки ҳатто ҳангоми фурӯши тамокуи қалён аз харидорон синну солашон пурсида нашуд. Дар ҳоле, ки чунин муносибат дар банди 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» манъ карда шудааст.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ,**
**«Садои мардум»**

# ҶОЙГОҲИ РӮДАКӢ ДАР ШЕЪРИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ВА ҶАҲОН



Назар ба иттифоқи аксар шоирони ҳамаср, адибони асрҳои баъдӣ, «аҳли тазкира ва тароҷими аҳвол» (Садриддин Айнӣ), рӯдакишиносон ва пажӯҳишгарони Шарқу Ғарб онҳо Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро ҳамчун «устоди шоирони ҷаҳон» (Кисоии Марвазӣ), «сари шоирон» (Рашидии Самарқандӣ), «соҳибқирони шоирӣ» (Низомии Арӯзии Самарқандӣ) «аввалин шоири расмии Эрон» (Ҳерман Эте), «нахустин шоири бузурги Эрон» (Ризозода Шафақ), «муқаддами шуарои форс» (Ҳамдуллоҳи Муставфӣ), «муқаддами шуарои Мовароуннаҳри фурс» (Ҳаким Шоҳмуҳаммад ибни Мубораки Қазвинӣ), «қудваи шуаро», «аввал касест аз аҷамиён, ки девони шеър тартиб дода» (Амин Аҳмади Розӣ), «сарҳалқаи асотизи мутақаддимин» (Мирҳусайн Дӯсти Санбҳалӣ), «саромади рӯзгор» (Мавлавӣ Оғоаҳмадалии Аҳмад), «сарҳалқаи шуарои аср» (Муҳаммад Қудратуллохони Гупомавӣ), «корвонсолори шеър ва муқаддиматулҷайши фусаҳо», «аввал касе, ки ба тадвини девони сухан пардохт» (Мирғуломалии Озоди Билгиромӣ), «аввал касе, ки шеъри форсиро мудавван сохта» (Амир Шералихони Лудӣ), «падари шеъри форсӣ» (Бадеъуззамон Фурӯзонфар) ва «қофиласолори назм ва абулабои шеър», «бузургтарин ва муқтадиртарин шоири дарӣ» (Муҳаммадҳайдари Жубал) эътироф намуда, таъкид кардаанд, ки «ӯро дар Арабу Аҷам монанд нест» (Абулфазли Балъамӣ), «набуд низ ҷовидона чун ӯй» (шоири гумном), «Рӯдакӣ ба шеър масал буд дар Аҷам» (Мӯиззӣ), «баъд аз вай ҳеҷ шоиреро ин мукнат набуда» (Абдураҳмони Ҷомӣ), «дар шеъри форсӣ бар ҳамасрони худ пешӣ дошт» (Абӯсаъди Идрисии Ҳофиз), «ҳеҷ касро то кунун дар забони форсӣ чунин мадоеҳи фиребанда даст надодааст, ки ӯ гӯяд» (Саиди Нафисӣ), «дар эҳёва такомули забон ва адабиёти мо Рӯдакӣ муҳимтар аз ҳама қарор мегирад» (Муҳаммадҳайдари Жубал), «ҷойе, ки Рӯдакӣ бошад, шоирони дигар ба кор наоянд» (Муқаддимаи Девони Рӯдакӣ, Теҳрон, 1315/1898м).

Бо назардошти гуфтаҳои мазкур ва ҳам ҷанбаҳои дигари муайян намудани ҷойгоҳи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва ҷаҳон сабабҳои асосии шуҳрати фавқулодаи шоир дар қаламрави забони форсии тоҷикӣ ва олами адаби муосири ҷаҳон ва эътирофи ӯ аз тарафи бузургтарин ва номитарин шоирони форсигӯйи гузашта ва муосир ба қарори зайл мебошанд:

1. Пеш аз ӯ касоне буданд, ки ба забони форсӣ шеър мегуфтанд, мисли Абӯҳафси Суғдӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Муҳаммад бинни Васиф ас-Сиҷзӣ (Сагзӣ), Бассоми Курди Хориҷӣ, Муҳаммад бинни Мухаллад ас-Сиҷзӣ, Маҳмуди Варроқи Ҳиравии ас-Сиҷзӣ (Сагзӣ), Фирӯзи Машриқӣ, Абӯсулайки Гургонӣ, Масъуди Марвазӣ ва дигарон, ки баъзе аз онҳо, аз қабили Ҳанзалаи Бодғисӣ мегӯянд, ки соҳибдевон ҳам будаанд. Аммо ҳеҷ яке аз онҳо шеъри форсиро ба дараҷаи Рӯдакӣ дар ҳадди камолу ҷамол нагуфта буд. Ба ин маънӣ, Бадеъуззамон Фурӯзонфар дуруст гуфтааст, ки ӯ «аввалин кас нест, ки ба форсӣ шеър суруда, вале нахустин шоир аст, ки шеърҳои пухта бисёр гуфта ва шеъри форсӣ ба тавассути ӯ камол ёфта». Дабири Сиёқӣ ин гуфтаро такрор намудааст: «Рӯдакӣ нахустин сухансарои форсӣ нест, аммо нахустин ва бузургтарин порсигӯй аст, ки шеърҳои пухта бисёр гуфта ва шеъри форсиро камол бахшидааст».

2. Рӯдакӣ на танҳо ба марҳалаи комилан нави рушди адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри X бунёд ниҳод, балки суннатҳои адабии адабиёти қадимии моро, ки ба забонҳои форсии қадим ва миёна эҷод шуда буданд ва ба воситаи тарҷума ба забони арабӣ ва офаридани асарҳои тоза дар он забон зинда нигоҳ дошта мешуданд, эҳё кард ва идома дод.

3. Низоми комили навъҳои шеърӣ - қасида, маснавӣ, рубоӣ, қитъа, ғазал ва мавзӯъҳои онҳо, вазн, қофия ва санъатҳои бадеъӣ дар шеъри форсии тоҷикиро ба вуҷуд овард. Ҳерман Эте дуруст мегӯяд, ки «бо зуҳури Рӯдакӣ... аз партави вуҷуди ин шоир аст, ки шеъри форсӣ рӯ ба раҳоӣ аз асорат мениҳад ва батадриҷ худ масири мустақиле пеш мегирад ва назми форсӣ усул ва қавоиди устуворе мепазирад ва нақш ва шахсият мегирад». Зимнан, «раҳоӣ аз асорати» Араб ҳаргиз маънои онро надорад, ки Аҷам дар адабиёт, хоса шеър ҳамаро – қолибҳои шеърӣ, мавзӯъ ва мазмунҳоро, вазн, қофия, санъатҳои бадеиро аз Араб гирифта буду Рӯдакӣ шеъри форсиро ба онҳо мутобиқ гардонд. Онҳое, ки, чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз, чунин ақида доранд, иштибоҳи бузург мекунанд. Зеро шеъри форсии тоҷикӣ дар асрҳои IX-X, пеш аз ҳама, дар заминаи суннатҳои адабиёти қадима ва адабиёти мардумии қавмҳои эронинажод эҳё гардид ва рушд кард. Чӣ тавр мешавад, ки гузаштагони мо бунёдгузори адабиёти китобӣ бошанду ҳама чизро аз Араб гирифта бошанд. Ба зоҳири падидаҳои адабӣ набояд фирефта шуд. Истилоҳҳои «рубоӣ», «маснавӣ» ва ғайра арабист, вале ба ҳамагон маълум аст, ки ин навъҳои шеърӣ сирф моли Аҷам аст ва дар Араб дар гузашта вуҷуд надошт. Замоне, ки Аҷам дар илми балоғат китобҳое мисли китоби Корванд дошт, арабҳо ҳанӯз намедонистанд, ки илми балоғат чӣ илм аст.

4. Рӯдакӣ дар эҷоду ташаккули навъҳои шеър низ саҳми бузург гузоштааст. Аввалин намунаҳои барҷастаи ғазал, ки баъдан Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхиву Ҳофиз ба дараҷаи камол расонданд, рубоии фалсафиро, ки тавассути Умари Хайём шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда, ба адабиёти халқҳои гуногуни Шарқу Ғарб ворид шудааст, қасидаву маснавиҳои ахлоқӣ, ки Фирдавсӣ, Анварӣ, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ ва амсоли инҳо рушду тавсеа доданд ва навъҳои дигари шеър маҳз дар миёни осори боқимондаи Рӯдакӣ ба назар мерасанд.

5. Рӯдакӣ на танҳо ба адабиёти бузурги форсии тоҷикӣ асос гузошта буд, балки ифтихори оғозгари баёни назариёти адабии онро дар шеър ҳам доро мебошад. Ӯ дар назариёти адабии хеш чанд масъалаҳои усулии назарӣ ва амалии шеъру шоириро ба миён гузоштааст ва ҳал намудааст, ки баъдан заминаи боэътимод ва устуворе барои рушди назариёти адабӣ ва зебошинохтии минбаъдаи форсии тоҷикӣ гардидаанд.

6. Рӯдакӣ «мухтариъи тарз ва атвор» (Волаи Доғистонӣ) дар шеъри форсии тоҷикӣ аст, ки он бо номи «шеъри рӯдакивор» шуҳрат дорад ва асоси сабки адабии сабки хуросонӣ гардидааст. Муаллиф на танҳо дар амалия намунаҳои олии чунин шеъри нағзро офаридааст, балки назариёти онро низ кашф намудааст. Бузургтарин ва номитарин шоирони форсигӯй дар ин сабк шеър гуфтанро, қадр ва пайравӣ карданро барои худ ифтихор мешумориданд, аз қабили Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Кисоӣ, Маъруфии Балхӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Азрақӣ, Рашидии Самарқандӣ, Ғазоирӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Мӯиззӣ, Носири Хусрав, Масъуди Саъди Салмон, Сӯзании Самарқандӣ, Хоқонии Шервонӣ, Ибни Ямини Фарюмадӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон.

Суннатҳои устувори адабие, ки Рӯдакӣ ба вуҷуд овард, раванди умумии адабиёти форсии тоҷикиро муайян намуда, то имрӯз дар адабиёти мардумони форсизабон ва кишварҳои дигар идома доранд.

7. Хидмати Рӯдакӣ дар такомули забони форсии тоҷикӣ низ хеле бузург аст. Маҳз Рӯдакӣ ва муосиронаш ин забонро ба ҳадде сайқал доданд, ки он ба забони меъёри илму адаб табдил ёфт ва дар тӯли беш аз ҳазор сол хеле кам тағйир пайдо карда, боиси мондагории он гардид ва на танҳо ба мардумони Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон ва дигар форсигӯён хидмат мекунад, балки чун забони байналмилалӣ асрҳои зиёд дар ривоҷи илму адаб ва фарҳанги аҳли Осиёи Марказиву Қафқоз, Осиёи Хурду Ҳинду Покистон ва кишварҳои дигар таъсири калон гузоштааст. Ашъори Рӯдакӣ бо сабки ниҳоят содаву равон офарида шудааст, ки ба ҳар хонандаи форсизабон фаҳмост ва он ҳарчанд дар назари аввал хеле сода аст, вале эҷоди чунин шеър кори хеле мушкил аст. Аз ин ҷост, ки сабки ашъори ӯро «саҳли мумтанеъ» номидаанд.

8. Як нишонаи асосии эътирофи ин ё он адиб дар адабиёти форсии тоҷикӣ суннати тазмин, истиқбол кардан ва ҷавобия гуфтан ба осори он шоир ва ё нависанда ба шумор меравад. Ба шеърҳои ҷудогонаи Рӯдакӣ сар аз замонаи шоир то ба рӯзгори мо бузургтарин ва маъруфтарин шоирони форсигӯй тазмин бастаанд. Аз он ҷумла, Маъруфии Балхӣ, Башори Марғазӣ, Хусравонӣ, Фаррухии Систонӣ, Манучеҳрӣ, Мӯиззии Самарқандӣ, Ғазоирии Розӣ, Усмон Мухторӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Мӯиззии Нишобурӣ, Носири Хусрав, Саноии Ғазнавӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Масъуди Саъди Салмон, Хоқонии Шервонӣ, Мавлавӣ Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Бедил, Лутфалибеки Озар, Шиблии Нуъмонӣ, Ғуломҳусейнхони Ҳайрат, Маликушшуаро Баҳор, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Шаҳриёр, Шафеъии Кадканӣ ва дигарон. «Танҳо ба қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» қариб сад шоири пешина ва кунунӣ ҷавоб гуфтаанд, - навиштааст Абдулғанӣ Мирзоев, вале ба эътирофи худи тазминкунандагон ва тасдиқи рӯдакишиносон, бидуни муҳобот, ҳеҷ яке бо устоди Панҷрӯдӣ баробар нашудааст. Муҳаммад Муин, ки дар замина мақолаи махсус навиштааст, ба натиҷае расидааст, ки «ҳеҷ яке аз ин қасидаҳо мисли қасидаи Рӯдакӣ мавриди писанди мардум қарор нагирифтаанд».

9. Навъи дигари баҳрагирӣ аз гузаштагон, ки дар назариёти адабии асрҳои миёна истилоҳи мушаххасе надошт (сирқоти адабӣ чизи дигар аст), истифода аз маъниву мазмун ва тарзи баён ва тасвирҳои шоиронаи шеъри Рӯдакӣ аз тарафи шоирони баъдина мебошад. Рӯдакишиносон дар натиҷаи таҳқиқ муқаррар намудаанд, ки аз маъниву мазмун ва тарзи баён ва тасвирҳои шоиронаи падари шеъри форсӣ, шоироне мисли Фирдавсӣ, Кисоӣ, Абӯшакури Балхӣ, Робиа, Рашиди Ватвот, Абӯсаиди Абулхайр, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манусли Пешинчеҳрӣ, Азрақӣ, Ғазоирӣ, Абӯтоҳири Хусравонӣ, Мӯиззии Нишобурӣ, Қатрони Табрезӣ, Заҳири Форёбӣ, Масъуди Саъди Салмон, Саноӣ, Аттор, Авҳадии Мароғӣ, Ибни Ямин, Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷӯи Кирмонӣ, Мирзо Абдулқодир ва дигарон фаровон истифода кардаанд. Муҳаққиқи муосири эронӣ Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ дар замина навиштааст, ки «ҳеҷ шоире ба андозаи Ҳофиз аз Рӯдакӣ таассур ва баҳра набурдааст».

10. Маснавиҳои ахлоқии Рӯдакӣ «Калилаву Димна» ва «Синдбоднома» дар баробари шеърҳои дигари ӯ аз асарҳои асосии шоир ба шумор рафта, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки адабиёти Замони бостон ва Садаи миёнаи форсии тоҷикӣ бо адабиёт ва фарҳанги Бостон ва Садаи миёнаи ҳиндӣ робитаи наздики босамар доштанд. Гузашта аз ин, адабиёти Ҳиндустон ва адабиёти форсии тоҷикӣ бо доштани сарчашмаҳои ягона дар даврони қадим – решаҳои ҳинду аврупоӣ ҳеҷ гоҳ раванди додугирифт ва таъсирпазирӣ аз ҳамдигарро қатъ накарда буданд.

Дар осори Рӯдакӣ имтизоҷи суннатҳои фарҳангии Эрони бостон, тамаддуни исломӣ, фарҳангҳои Ҳинду Юнон ва Рими қадим сурат гирифтааст, ки самараи гуфтугӯи тамаддунҳо дар даврони Сомониён мебошад.

11. Арзиши фавқулодаи шеъри Рӯдакӣ танҳо дар «лафзи хуш», ҳунари волои шоирии ӯ, ки «як байт парниён кунад аз санги хора» нест, балки дар маъниву паёмҳои олии инсонии ҳаётдӯстӣ, зебоипарастӣ онҳо, арзишҳои башарии онҳо низ мебошад. Аз тарафи мардуми ғайрифорсизабони дунё пазируфта шудани осори Рӯдакӣ ва шахсияти ӯ, тарҷумаву таҳқиқ шудани онҳо ба забонҳои машҳури олам низ маҳз дар ҳамин пайвастагии ҳунари воло ва паёмҳои олии онҳо мебошад. Бино бар шаҳодати муҳаққиқи робитаҳои адабии тоҷику Олмон Александр Гейзер «аз охири асри XIX то имрӯз мақолаҳо дар бораи Рӯдакӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама гуна таълифоти ҷиддии аврупоӣ оид ба таърихи адабиёти форсӣ ва ҳамаи донишномаҳои илмии марбута мебошад». Ғарбиён Рӯдакиро бо бузургони дараҷаи аввали худ, мисли Ҳомер, Чосер ва Шекспир баробар медонанд ва қадр мекунанд. Шоири маъруфи рус Николай Тихонов шеъри Рӯдакиро, ки пас аз 10 аср ҳам садо медиҳад ва зиндааст, «ин муъҷизаи каломи бадеъ!» («это чудо поэтического слова!)» номидааст ва дар ҳайрат афтодааст, ки шеъри Рӯдакӣ пас аз ҳазор сол низ таъсири рӯҳиаш мисли пешина боқӣ мондааст у чашмони хонандагони муосирро барқ мезанонаду дилҳояшонро ба ҳаяҷон меорад.

Устод Рӯдакӣ дар замонаш ифтихор аз он карда буд, ки шеърашро ҳама ҷаҳон шунид ва ӯ шоири Хуросон буд. Ҷаҳоне, ки шоир мегӯяд, ба мафҳуми ҷаҳони имрӯза нест, ба мафҳуми қаламрави забони форсӣ буд. Аммо имрӯз ба шарофати шеъри нобаш ва «шеъри оламафрӯзаш» (Абдураҳмони Ҷомӣ) дар тамоми олам шуҳрат ёфт.

**Абдунабӣ САТТОРЗОДА,**
**профессор**

# ТАРҒИБИ ЗАБОНОМӮЗӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Забондонӣ неруи инсон аст, лекин дар ин масъала нуктаи нозуке ҳаст, ки набояд онро сарфи назар кард. Ҳар як шаҳрванди мамлакат бояд хуб дарк кунад, ки дар роҳи омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамон вақт комёб мегардад, ки аввал забони модариашро шоиста омӯзад.**



Замони истиқлолият ҳар чӣ бештар омӯхтани забонҳоро барои мукаммал сохтани маънавиёт ва афзудани имконоти иҷтимоию иқтисодӣ тақозо мекунад. Мусаллам аст, ки донистани забонҳои хориҷӣ мақоми ҳар фардро дар ҷомеа боло мебарад, доираи омӯзишу муошираташро васеъ менамояд. Мақоли «Забон донӣ - ҷаҳон донӣ» аз ҳамин маъно маншаъ мегирад. Дар замони мо вобаста ба соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурӣ ва густариши робитаҳо бо мамлакатҳои хориҷӣ аҳамияти забондонию забономӯзӣ боз ҳам афзудааст.

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва фановарӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ муҳим ба ҳисоб рафта, он метавонад барои мутолиаи осори арзишманди адибони ҷаҳонӣ ва кору фаъолияти пурсамар ба наврасону ҷавонон имкони мусоид фароҳам оварад.

Пас аз таҳлилу баррасии вазъи забономӯзии насли наврас дар таълимгоҳҳои мамлакат Сарвари давлат чунин дастур доданд: «Ба Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи илмҳо супориш дода мешавад, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 барномаи нави такмили таълими забонҳои русӣ ва англисиро барои давраи то соли 2030 таҳия ва пешниҳод намоянд». Пешвои миллат дар Паём пас аз тавзеҳи ин масъала, ҳамчунин таъкид карданд: «Мо ин корро барои худамон, яъне ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тавсеаи ҷаҳонбинии наврасону ҷавонони кишвар мекунем, на ба мақсади дигар».

Тибқи назарсанҷие, ки созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ анҷом додаанд, Тоҷикистон аз рӯи 4 нишондиҳанда: дастрасӣ ба таҳсилот, сифати таҳсилот, сармояи инсонӣ ва қобилияти рақобати он дар миёни 101 кишвари ҷаҳон дар ҷои 54 қарор дорад. Албатта, ин дастоварди хуб аст, аммо набояд қонеъ шуда, ба ин соҳаи ҳаётан муҳими ҷомеа камтаваҷҷуҳ бошем.

Талабот бобати омӯзиши забони хориҷӣ солҳои охир батадриҷ боло рафтааст. Ин аст, ки ҳоло дар хориҷи кишвар зиёда аз 40 ҳазор донишҷӯ, магистр ва аспирант таҳсил мекунанд, ки забони тадриси онҳо русиву англисӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, аксар падару модар меҳоҳанд фарзандонашон дар мактабҳои таҳсилашон бо забони русиву англисӣ ба таълим фарогир шаванд.

Дар Паём ва суханрониҳои Пешвои миллат ба забондонию забономӯзӣ ва арҷгузорӣ ба забони давлатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Хусусан, дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ, ки 21 декабри соли 2021 ироа гардид, ба масъалаи омӯзиши забонҳо дахл карда шуд: «Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин вазифадор карда мешавад, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот - аз муассисаҳои томактабӣ сар карда, то гимназияву литсейҳо ва зинаҳои дигари таҳсилот ба таври ҳатмӣ омӯхтани забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русиву англисӣ ва технологияҳои иттилоотиро ташкил карда, назорати қатъии сифати таълимро дар ин самт ба роҳ монад».

Сарвари давлат борҳо таъкид кардаанд, ки дар дунёи муосир комёбии ҳар фард аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки чанд забони маъмули байналмилалиро медонад.

Хуб медонем, ки осори гаронбаҳои адибони барҷастаи рус Пушкин, Толстой, Чехов, Горкий, Шолохов ва дигарон аз шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва пешниҳоди мутолиаи онҳо рағбати хонандагонро ба омӯзиши забони русӣ бештар менамояд. Барои ин омӯзгори забони русӣ бояд мутолиаи зиёд дошта, осори арзишманди адибони шинохтаи русро шоиста бидонад. Ҳангоми баёни мавзӯи нав метавонад бо пешниҳоди лаҳзаҳои шавқовар аз осори адибони шинохта, хонандагон ба омӯзиши забони русӣ шавқманд гардонад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ масъалаи нигоҳдошти забон аз муҳимтарин масъалаҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи пажӯҳишҳои олимон, ҳар сол чандин забон аз байн меравад. Сарвари давлат вобаста ба ин таъкид карданд: «... раванди ҷаҳонишавӣ, пешрафти босуръати илму техника, аз ҷумла технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, фаъол гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, дар замони муосир ба забони давлатӣ низ таъсир мегузорад ва дар роҳи рушди табиии он монеаҳои сунъӣ эҷод мекунад. Бинобар ин, зарурате ба миён омадааст, ки милликунонии забони технологияҳои навин дар кишвар дар меҳвари таваҷҷуҳи сохтору мақомоти марбута қарор дошта бошад».

Дарвоқеъ, бузургдошту ҳифзи забони давлатӣ аз ҳар яки мо - омӯзгорон масъулияти зиёдро тақозо менамояд, зеро омӯзиши дурусти он ба муаллимон вобастагии амиқ дорад. Ҳангоми гузоштани қадами аввалин кӯдакону наврасон ба таълимгоҳ, мураббиҳову омӯзгорон бояд ба забони адабӣ сухан гӯянд. Дар баробари ин, осори бадеиро вобаста ба синну соли хонандагон барои омӯзишу мутолиа пешниҳод намоянд. Агар мо хонандагонро ба мутолиаи пайвастаи китобҳои бадеӣ ҷалб намоем, аз як тараф, ҷаҳонбиниву тафаккурашон рушд меёбад, аз ҷониби дигар, онҳо ба ин васила забон меомӯзанд ва дар навиштану суханронӣ ба ғалатҳо роҳ намедиҳанд.

Забонҳо мисли пул халқҳову миллатҳоро ба ҳам мепайванданд. Дониши андӯхтаи ҷавонони миллат бояд сипари фарҳанги миллат бошад. Агар мо - омӯзгорон, моҳияти ин мавзӯи ниҳоят муҳимро ба насли ҷавон фаҳмонда тавонем, ҳатман муваффақ хоҳем шуд.

Аз ин рӯ, ташкил намудани дарсҳои иловагии забони тоҷикӣ ва русиву англисӣ ба таҳкиму робитаҳои дӯстиву маънавӣ мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, ки насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром гузоштан ба арзишҳои маънавӣ тарбия ёбанд.

Дар ин самт омӯзгор бояд осореро интихоб намояд, ки ба синну сол ва психологияи хонандагон мувофиқ бошад. Бо мутолиаи китобҳои бадеӣ аз як тараф, ҷаҳонбинии хонанда ташаккул меёбад, аз ҷониби дигар, захираи луғавияш ғанӣ мегардад. Дар хотир бояд дошт, то вақте ки хонанда ба худомӯзӣ майлу рағбат пайдо накунад, забонро пурра омӯхта наметавонад.

Аз ин рӯ, мо - омӯзгоронро мебояд дар забономӯзии хонандагон аз роҳу воситаҳои муассири таълим истифода намоем, то онҳо зуд забонҳои хориҷиро аз бар намоянд.

**Наргис РАҲМОНОВА,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор**

## Таърихи як сурат

# ЧӢ ТАВР ЗАНГИБАЧА АЗ ФИЛМИ «СИРК» ДӮСТИ ЗАУР ДАХТЕ ШУД



**Арбоби шоистаи санъати Тоҷикистон, наворбардори кино ва суратгири шинохта Заур Рустамович Дахте солҳои охир ба суратгирӣ машғул аст.**

Ҳар гоҳ ба ҳолпурсиаш равем, суратҳои зиёди таърихиро ба маъраз гузошта, дар бораи ҳар сурат боэҳсос ҳарф мезанад. Ҳар кадоме аз онҳо таърихи хос доранд ва барои хонанда аҷиб хоҳад буд. Диққати маро як сурат ҷалб кард. Сурати Заури мактабхон бо дӯсти сиёҳпӯсташ, зангибача Ҷеймс Паттерсон.

Ҷейсмро шинохта пурсидам:

- Ин дӯстатон магар дар филми бадеии «Сирк»-и режиссёр Григорий Александров (соли 1936) нақши кӯдаки сиёҳпӯстро бозӣ накардааст?

- Бале.

- Солҳои 1955 - 1958 дар Интернати интернатсионалии бачагона, воқеъ дар шаҳри Ивановои Федератсияи Россия таҳсил мекардам. Интернат барои фарзандони муҳоҷироне, ки аз дигар давлатҳо ба Иттиҳоди Шӯравӣ паноҳ бурдаанд ё бо тақозои айём кӯчида буданд, кушода шуд.

Падари Ҷеймс - Ллойд Паттерсон зодаи шаҳри Ню-Йорки Амрико ҳамроҳ бо 21 африкоии муқими Амрико соли 1932 ба Иттиҳоди Шӯравӣ омада буд. Онҳо ният доштанд, ки филми ҳуҷҷатӣ ба навор гиранд. Ҳамкоронаш ба Амрико баргаштанд, вале Ллойд Паттерсон дар шаҳри Москва монда, ба сифати барандаи радио (диктор) ба кор даромад.

- Дар он ҷо бо рассом - моделер Вера Аралова шинос шуда, тақдири минбаъдаашонро пайвастанд. Ин оилаи интернатсионалӣ соҳиби се писар шуд, ки яке аз онҳо дӯсти солҳои мактабхониам Ҷеймс буд. Шароити интернат хеле хуб буд, ба мо беҳтарин муаллимон ва мураббиҳо дарсу таълим медоданд. Дар интернат кружокҳои гуногун амал мекарданд. Ман ба суратгирӣ таваҷҷуҳ доштам, инчунин, ба сохтани моделҳои самолёт низ машғул будам, - он солҳоро ба хотир овард Заур Дахте.

Савол додам, ки чӣ гуна зангибачаи хурдакак ба филми машҳури «Сирк» роҳ ёфт. Заур Рустамович гуфт, ки Ҷеймс Паттерсон аз ман се сол калонтар буд, вале бо ҳам ҷӯраи хеле наздик будем.

Соли 1935 Григорий Александров ба таҳияи филми бадеии мусиқии «Сирк» шурӯъ кард. Ба онҳо кӯдаки сиёҳпӯст лозим шуд, то нақшро иҷро кунад. Ҳангоми ташрифи навбатӣ аз байни се фарзанди оилаи Ллойд Петтерсон диққати онҳоро чолокӣ ва табассумҳои ширини кӯдаконаи Ҷеймси дусола ҷалб кард. Ҳамин тавр, ӯро ба филми машҳури «Сирк» ҷалб карданд.

Филми мазкур соли 1936 ба экран баромада, хеле машҳур гардид. Он аз дӯстдоштатарин филмҳои Сталин ба шумор мерафт. Ҳар гоҳе ки хумори тамошои филм мегирифт, нишон додани ду филмро мефармуд. Яке «Бачаҳои шӯх» ва дигаре «Сирк».

Ҷеймс дар интернат бо баҳои хубу аъло мехонд ва шеър менавишт. Баъд аз хатми интернат дар Омӯзишгоҳи ҳарбӣ - баҳрии ба номи адмирал Нахимови шаҳри Рига таҳсил карда, чанд муддат баҳрнаварди киштии зериобӣ ҳам буд, аммо маҷрои зиндагӣ ӯро ба дигар ҷо бурд.

Падараш соли 1942, ҳангоми бомбаборони шаҳри Москва сахт захмӣ шуда, ҷароҳати вазнин бардошта, вафот кард. Модараш ба шаҳри Свердловск кӯчида, дар госпитали ҳарбӣ ба ҷанговарони маҷруҳ кумак мерасонид.

Ҷеймс бо акаву додараш дар Хонаи бачагонаи деҳаи Кашино, 35 километр дуртар аз шаҳри Свердлов мехонданд. Бо гузашти солҳо ӯро ба Интернати интернатсионалии бачагонаи шаҳри Иваново гузаронданд. Дар он ҷо Ҷеймс Паттерсон бо дӯсти наваш Заур шинос мешавад.

- Бо ҳам суратҳои зиёди хотиравӣ доштем, аммо бо мурури солҳо гум шуданд. Яке барои хотира гирифт, дигаре ваъда дод, ки мақола навишта, бо сурати таърихӣ чоп мекунад, вале касе чизе нанавишт.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ бо Ҷеймс Паттерсон вонахӯрдам. Ҳамин қадар иттилоъ дорам, ки ҳамроҳи модари солхӯрдааш соли 1994 ба Амрико кӯчиданд,- гуфт дар охири суҳбат Заур Дахте.

Бо гузашти солҳо Заур Дахте чандин маротиба ба Интернати интернатсионалии бачагонаи шаҳри Иваново рафта, бо муаллимон ва мураббияҳояш вохӯрд. Соли 1987 бо номи «И ветром я живу» (муаллифони сенария Е. Кимягарова ва З. Дахте, режиссёр Е. Кимягарова, оператор З. Дахте, истеҳсоли «Тоҷикфилм») филми ҳуҷҷатӣ ба навор бардоштанд.



Меҳоҳад дӯсташ Ҷеймс Паттерсон - зангибачаи аллакай калонсол аз филми ҳунарии «Сирк» - ро пурсуҷӯ кунад. Умед дорад, ки сиҳат ва саломат бошад. Кошки…

**Тиллои НЕКҚАДАМ,**
**«Садои мардум»**

**ДАР СУРАТҲО:**

**1. Ҷеймс Паттерсон бо дӯсти солҳои мактабхониаш Заур Дахте.**

**2. Лаҳзае аз филми ҳунарии «Сирк» бо иштироки зангибача Ҷеймс, соли 1936.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411613 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Таъмири бинои Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.10.2022 19:10:10 |
| 2 | 411614 | Маркази равонпизишкии вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 01.10.2022 19:15:15 |
| 3 | 411609 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5 –и шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.10.2022 15:30:00 |
| 4 | 411610 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Равғанҳои муҳаррики автомобилӣ, моеъҳои тормоз, антифриз, тозакунандаи инжектор, моеи шустушӯи шиша ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 12.10.2022 17:30:00 |
| 5 | 411611 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии компютерҳои фардӣ, оргтехника ва дастгоҳҳои факсималӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 13.10.2022 08:30:00 |
| 6 | 411612 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагиву барқӣ, сейфҳои оҳанӣ, техникаи маишӣ ва асбобҳои дастӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 13.10.2022 08:30:00 |
| 7 | 411617 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи И. Ҳасанов»-и ноҳияи Ашт | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.10.2022 10:00:00 |
| 8 | 411618 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи И.Ҳасанов»-и ноҳияи Ашт | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи И. Ҳасанов ва шуъбаи ҷарроҳии №2 Беморхонаи марказии ноҳия дар шаҳраки Дӯстии ноҳияи Ашт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.10.2022 10:00:00 |
| 9 | 411620 | Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд»-и вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.10.2022 10:00:00 |
| 10 | 411621 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии ноҳиявӣ»-и шаҳри Панҷакент | Таъмир ва ивази дару тирезаи бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.10.2022 11:25:00 |
| 11 | 411622 | Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ | Хариди молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, техникаи маишӣ, дастгоҳи телефон, оташхомӯшкунакҳо, картриҷҳо ва лавозимоти компютерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 13.10.2022 11:50:15 |
| 12 | 411624 | Мактаби олии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои сантехникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, радиаторҳои биометаллӣ ва таҷҳизот барои ошхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 60 | 13.10.2022 13:40:00 |
| 13 | 411623 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М.Турсунзода | Моноблок, таъминоти барқии бефосила ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 13.10.2022 13:40:10 |
| 14 | 411615 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Маводи канселярӣ ва васоити оптикӣ (дискҳо) барои сабт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 13.10.2022 14:00:00 |
| 15 | 411626 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 13.10.2022 14:30:00 |
| 16 | 411627 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 13.10.2022 14:40:00 |
| 17 | 411628 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов» | Масолеҳи сохтмонӣ ва дарҳои чӯбин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 13.10.2022 14:50:18 |
| 18 | 411625 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Батарея барои панелҳои офтобӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.10.2022 15:00:00 |
| 19 | 411629 | Мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи Миратулло Атоев | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.10.2022 15:10:17 |
| 20 | 411616 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории намои бинои Маркази саломатии шаҳрии №2-и шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.10.2022 16:30:00 |
| 21 | 411635 | Муассисаи давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Таъмири ҷории намои биноҳои кӯчаи Хуросон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.10.2022 17:20:00 |
| 22 | 411634 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мизу курсии талабагӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 04.10.2022 08:30:00 |
| 23 | 411632 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Тухми пиёзаки гули лола ва тухми гули виола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 04.10.2022 16:56:56 |
| 24 | 411630 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пиёзаки гули лола ва ниҳоли гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 13.10.2022 15:30:13 |
| 25 | 411633 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №4»-и шаҳри Ҳисор | Корҳои таъмирӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.10.2022 17:10:00 |
| 26 | 411640 | Муассисаи давлатии тандурустии «Таваллудхонаи вилоятӣ»-и вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.10.2022 18:10:00 |
| 27 | 411641 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Омода кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавии сохтмони «Маркази адлия»-и ноҳияи Лахш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 13.10.2022 23:23:23 |
| 28 | 411642 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Спитамен | Пармакунии чоҳи амудӣ бо чуқурии 160 метр, воқеъ дар деҳаи Янгиободи Ҷамоати деҳоти ба номи Т. Ӯлҷабоеви ноҳияи Спитамен | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 29 | 411643 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи Ӯроқбой Разоқов»-и шаҳри Панҷакент | Таъмири шуъбаи урологияи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 30 | 411644 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и деҳаи Айнии ноҳияи Айни | Таъмири ҳоҷатхона ва ободонии саҳни муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 31 | 411645 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 32 | 411646 | «Маркази клиникавӣ - эндокринологии вилояти Суғд» дар шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 33 | 411647 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ» дар шаҳри Хуҷанд | Коғази офисӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 34 | 411648 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №26»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 35 | 411649 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №2»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 36 | 411650 | Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.10.2022 09:00:00 |
| 37 | 411653 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 53-и ноҳияи Варзоб | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.10.2022 10:30:00 |
| 38 | 411651 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 14.10.2022 10:54:32 |
| 39 | 411655 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдорӣ ва истифодабарии иншоот»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Кабел, молҳои электрикӣ, молҳои рӯзгор, гул, нуриҳои минералӣ ва органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 14.10.2022 11:02:02 |
| 40 | 411657 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ – санитарии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.10.2022 11:55:00 |
| 41 | 411658 | «Маркази бемориҳои дил»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таҷҳизоти идоравӣ, камераҳои мушоҳидавӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 14.10.2022 14:00:45 |
| 42 | 411631 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ҷорӯби калон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.10.2022 14:14:14 |
| 43 | 411659 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ- санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Маҳсулоти канселярӣ ва чопӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 64 | 14.10.2022 14:15:05 |
| 44 | 411660 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои шаҳри Бохтар | Ранг ва ҳалкунанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 14.10.2022 14:20:55 |
| 45 | 411661 | «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 14.10.2022 14:25:50 |
| 46 | 411662 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, қулфҳои овезон, фурӯзонакҳои светодиодӣ, прожектор, рӯйпӯш, парма (дрел) ва перфоратор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 95 | 14.10.2022 14:50:18 |
| 47 | 411637 | Қисми ҳарбии 01123-и Қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳезум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.10.2022 15:00:00 |
| 48 | 411638 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.10.2022 15:00:00 |
| 49 | 411639 | Комиссариати ҳарбии ноҳияи Мурғоб | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.10.2022 15:00:00 |
| 50 | 411664 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мошини алафдарав, насоси обкашӣ, асбобҳои дастӣ, либоси корӣ, маҷмӯи зарфҳо, мошини ҷомашӯӣ, чангкашак ва молҳои рӯзгор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 14.10.2022 15:00:00 |
| 51 | 411652 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ранги равғанин, қубурҳои оҳану бетонӣ ва плитаҳои бетонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 14.10.2022 15:15:15 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ТОҶИКСТАНДАРТ»

### ФАРМОИШ

**аз 2 сентябри соли 2022, № 95 – ф/а, шаҳри Душанбе**

**Дар бораи ворид намудани тағйирот ба фармоиши директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2022, №41-ф/а**

**030 080 000**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Ба Тартиби иҷрои корҳои сертификатсионӣ, ки бо фармоиши директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2022, №41-ф/а «Дар бораи Тартиби иҷрои корҳои сертификатсия» тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели соли 2022, №1157 ба қайд гирифта шудааст, тағйироти зерин ворид карда шавад:

- дар сархати якуми банди 3 калимаи «хизматрасонӣ» ба калимаҳои «муҳити зист» иваз карда шавад;

- сархати панҷуми банди 35 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- маҳсулоте, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сертификатсияи ҳатмӣ озод карда шудаанд;».

2. Фармоиши мазкур бо тартиби муқарраршуда барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми директор вогузор карда шавад.

**Директор**
**АБДУЛВАҲОБЗОДА Темурҷон Назурулло**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами Р/Б № 1157[1] аз 15 сентябри соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патенти № 0270230 бо РМА 045690518 ва РЯМ 0430230305-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 8 феврали соли 2017 ба Валиев Субҳон Мирзодавлатович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТА № 0048008-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56 - и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2005 ба Мирзоева Моҳира Мирзошарифовна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 1830085666-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2018 ба Бобоев Ҷомӣ Бобомуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А №01465046-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 19 июли соли 2018 ба Тоирзода Шералӣ Талбак додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда бо РМА 045236450, РЯМ 0430041352, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2012 ба Зоиров Муқимҷон Шарипович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии № 2019010135-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон соли 2019 ба Бурхонова Нисо Шукруллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии ҷудогонаи гумшуда бо рақами кадастрии 66-007-000652-02-195, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 10 сентябри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Лоҳутӣ, бинои 61, ҳуҷраи 195 ба Салимова Маъфират Ҳакимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартнома дар бораи ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира бо силсилаи ДШ №1274417-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе таҳти феҳристи 1к-1336 ба Салимова Маъфират Ҳакимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи квартира бо силсилаи ДШ № 1395902-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 21 июли соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Сино, хиёбони Абӯалӣ ибни Сино, бинои 60, ҳуҷраи 54 ба Тоирова Гулноза Зоировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии ҷудогонаи гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи ноҳияи Сино, хиёбони Абӯалӣ ибни Сино, бинои 60, ҳуҷраи 54 ба Тоирова Гулноза Зоировна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0039349-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ таҳти қайди 180 соли 2013 ба Ҳафизов Мулоислом Маҷидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи таваллуди силсилаи V 111-ЕЖ- № 352814-и гумшуда, ки онро Ҷамоати деҳоти Айнии ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Варзоб) 24 майи соли 1982 ба Латипов Бобомурод Юсупович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии хонаи истиқоматии гумшуда таҳти феҳристи 849, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе моҳи марти соли 2013 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Борбад №165 ба Раҳимова Шаҳзода Давлаталиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №0931016-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Маҳмудов Зиёдулло Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А №160698-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 1991 ба Алиева Замира Сайдалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 1230054082-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 14 феврали соли 2011 ба Каримов Шокир Қурбонбоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 00349808 бо РЯМ 6030136897-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 8 июни соли 2018 ба Раҳмонов Луғмон Абдулхайрович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории таҳти феҳристи 24221-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 8 августи соли 1992 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 85/3, ҳуҷраи 14 ба Шарипова Наталья Набиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ дар шаҳри Душанбе» 25 декабри соли соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 24, ҳуҷраи 45 ба Раҷабов Д. додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии силсилаи ҶТ №806556-и гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Рӯдакӣ 25 майи соли 2019 ба Қурбонзода Шарифбек Алимаҳмад додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум
Конститутсия - кафолати ҳуқуқи инсон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 26 сентябри соли 2022, соати 18:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха

Навбатдори шумора
Т. Неккадамов

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров